# КОНСТИТУТСИЯИ

ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН

- КОНСТИТУТСИЯ (АЗ ЛОТ. CONSTITUTIO – «ДАСТГОХ, ТАЪСИС, ИЛОВА») КОНУНИ АСОСИИ ДАВЛАТ, САНАДИ МАХСУСИ МЕЪЁРИИ ХУКУКИЕ МЕБОШАД, КИ ЭЪТИБОРИ ОЛИИ ХУКУКИ ДОРАД.



- КОНСТИТУТСИЯИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН 6 НОЯБРИ СОЛИ 1994 ДАР РАЪЙПУРСИИ УМУМИХАЛКИ КАБУЛ КАРДА ШУДА БА ОН 26 СЕНТЯБРИ СОЛИ 1999, 22 ИЮНИ СОЛИ 2003 ВА 22 МАЙИ СОЛИ 2016 БО ТАРИКИ РАЪЙПУРСИИ УМУМИХАЛКИ ТАГЙИРУ ИЛОВАХО ВОРИД КАРДА ШУД.

- КОНСТИТУТСИЯИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН АЗ ДЕБОЧА, 10 БОБ ВА 100 МОДДА ИБОРАТ АСТ. БОБХОИ КОНСТИТУТСИЯ:
  АСОСКОИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНИ;
  ХУКУК, ОЗОДИ ВА ВАЗИФАХОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАХРВАНД;
  МАЧЛИСИ ОЛИ; ПРЕЗИДЕНТ;
  ХУКУМАТ; МАКОМОТИ МАХАЛЛИИ ХОКИМИЯТИ ДАВЛАТИ
  ВА ХУДИДОРАКУНИ; ВАЛОЯТИ МУХТОРИ КЎХИСТОНИ БАДАХШОН;
  СУД; ПРОКУРАТУРА; ТАРТИБИ ТАГЙИРИ КОНСТИТУТСИЯ.

- ХАМЧУНИН ДАР КИСМИ ОХИРОНИ КОНСТИТУТСИЯ МУКАРРАРОТИ  ИНТИКОЛИ МАВЧУД АСТ, КИ ДАР ОН ЧУНИН МАСЪАЛАХО ДИДА МЕШАВАНД: ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА КУВВАИ КОНУНИ ПАЙДО КАРДАНИ НАТИЧАИ РАЙЪПУРСИ, ТАРТИБИ АМАЛ КАРДАНИ КОНУНХОЕ, КИ ТО ДАРОВАРДАНИ ТАГЙИРУ ИЛОВАХО БА КОНСТИТУТСИЯ АМАЛ МЕКУНАНД,  МЎХЛАТИ ИНТИХОБИ ПАЙ ДАР ПАЙИ ПРЕЗИДЕНТ ВА ТАРТИБИ ХОТИМАЁБИИ ОН.

- КОНСТИТУТСИЯИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН САНАДИ ДОРОИ САТХИ БАЛАНДИ ХУКУКИ МЕБОШАД ВА ДАР БАЙНИ ДИГАР САНАДХОИ МЕЪЁРИИ ХУКУКИ ЧОИ ЯКУМРО ИШГОЛ МЕНАМОЯД. ХАМАИ САНАДХОИ КАБУЛКАРДАШУДА ВА КАБУЛКАРДАИСТОДАИ МАКОМОТИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТИ БОЯД АЗ КОНСТИТУТСИЯ САРЧАШМА ГИРАД ВА БА ЯГОН МЕЪЁРИ ОН МУХОЛИФАТ НАКУНАД. ЧУНОНЧИ ДАР КИСМХОИ 1 ВА 2, МОДДАИ 10 КОНСТИТУТСИЯИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН ПЕШБИНИ ШУДААСТ:
“КОНСТИТУТСИЯИ ТОЧИКИСТОН ЭЪТИБОРИ ОЛИИ ХУКУКИ ДОРАД ВА МЕЪЁРХОИ ОН МУСТАКИМАН АМАЛ МЕКУНАНД. КОНУНХО ВА ДИГАР САНАДХОИ ХУКУКИЕ, КИ ХИЛОФИ КОНСТИТУТСИЯАНД, ЭЪТИБОРИ ХУКУКИ НАДОРАНД.
ДАВЛАТ ВА ХАМАИ МАКОМОТИ ОН, ШАХСОНИ МАНСАБДОР, ШАХРВАНДОН ВА ИТТИХОДИЯХОИ ОНХО ВАЗИФАДОРАНД КОНСТИТУТСИЯ ВА КОНУНХОИ ЧУМХУРИРО РИОЯ ВА ИЧРО НАМОЯНД.”

- ХАМЧУНИН ДАР МОДДАИ 9 КОНУНИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН “ДАР БОРАИ САНАДХОИ МЕЪЁРИИ ХУКУКИ”, КИ НИЗОМИ САНАДХОИ МЕЪЁРИИ ХУКУКИИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН-РО МУАЙЯН МЕКУНАД, КОНСТИТУТСИЯ ДАР ЧОИ АВВАЛ МЕИСТАД.
  МОДДАИ 5 КОНСТИТУТСИЯИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН ИНСОН, ХУКУК ВА ОЗОДИХОИ УРО АРЗИШИ ОЛИ ШУМОРИДА, ХАЁТ, КАДР, НОМУС ВА ДИГАР ХУКУКХОИ ФИТРИИ ИНСОНРО ДАХЛНОПАЗИР ЭЪТИРОФ НАМУДААСТ. ХАМЧУНИН ДАР КИСМИ ОХИРИ МОДДАИ МАЗКУР ДАРЧ ГАРДИДААСТ, КИ: “ХУКУКУ ОЗОДИХОИ ИНСОН ВА ШАХРВАНДРО ДАВЛАТ ЭЪТИРОФ, РИОЯ ВА ХИФЗ МЕНАМОЯД.”

- Боби дуюми Конститутсияи Чумхурии Точикистон (хукук, озоди ва вазифахои асосии инсон ва шахрванд) бевосита хукуку озодихои инсон ва шахрвандро эътироф намуда, кафолат додааст. Боби мазкур аз моддаи 14 то 47-ро дар бар мегирад. Дар асоси моддахои зикршуда Точикистон бо максади хифзи хукуку озодихои инсон ва шахрванд як чанд санадхои меъёри-хукукиро кабул намуда хамчунин яккатор санадхои хукукии байналмилалиро эътироф намудааст.